**“Тасдиқ мекунам”**
Директори КВД “Пажуҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии сохтмон
ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ
ва сохтмони назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
______________ Саломзода М.М.
“11” сентябри соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Сафарзода Дилшод Ғанӣ дар мавзуи “Энергиясамаранокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир (дар мисоли Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот)**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос.**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) мутобиқат менамояд:

1. Асосноккунӣ, таҳия ва муносибгардонии ҳалҳои меъморӣ-тарҳрезӣ, конструктивии биноҳо ва иншоот бо назардошти равандҳо, шароити табиӣ-иқлимӣ, бехатарии иқтисодӣ ва конструктивӣ.

2. Таҳияи асосҳои илмии бунёд намудани муҳити меъморӣ, ки шароити мусоидро барои меҳнату маишат ва истироҳати одамон таъмин менамоянд.

9. Асосҳои умумии ҳисобкунии иншоот ва унсурҳои онҳо.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Мубрамияти мавзуи диссертатсияро метавон бо як қатор далелҳо асоснок намуд. Боиси зикр аст, ки аз оғози соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат ба соҳаи маорифу илм диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ин марҳилаи нави барои Тоҷикистон тақдирсоз, нисбат ба таълиму тарбияи насли наврас ва умуман, илму маориф муносибатҳои муосири сифатан, наву самаранок ба даст оварда шудаанд. Чуноне, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф қайд гардидааст, он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян кардааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Довталаб қайд намудааст, ки бо тағйирёбии бемайлони равандҳои гуногунҷабҳаи ҳозиразамон, сиёсати амалисозии роҳҳои илмӣ дар соҳаи

лоиҳакашии биноҳо ва иншоот, аз ҷумла биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ тағйир ёфта, дар раванди он муносибатҳои нави бозоргонӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар натиҷа нақши мақсаднокӣ, камхарҷӣ ва самаранокии муносибати илмӣ нисбат ба лоиҳакашии биноҳои муассисаҳои таҳсилотии муосири энергиясамаранок назаррасу мубрам мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо ҷиҳати амалисозии энергиясарфаҷӯйӣ ва энергиясамаранокии (ЭЭ) равандҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла, лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии биноҳо ва иншоот дар асоси талаботи бандҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи энергиясарфаҷӯйӣ ва энергиясамаранокӣ”, ки ҳанӯз дар даҳсолаи дуюми асри XXI қабул ва мавриди татбиқ гирифтааст, ҳаллу фасл мегарданд.

Дар ин робита, яке аз мушкилоти асосии илмиву техникӣ дар самти лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии биноҳо, таъмини сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергетикии биноҳо, аз ҷумла, биноҳои МТМУ, ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳоди дар диссертатсия овардашуда собит менамояд, ки натиҷаҳои бадастомада танҳо андешаҳои шахсии довталаб набуда, балки дар асоси далелҳои илмии қотеъ ва методологияи дуруст ба даст оварда шудаанд.

Асосноккунӣ тибқи тартиби зерин риоя грдидааст:

- **танзими дурусти мақсад ва вазифаҳо.** Пеш аз ҳама, гузоришҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат доранд;

- **таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо.** Муаллиф дар кори анҷомдодаи худ собит сохтааст, ки ӯ на танҳо адабиёти мавҷударо омӯхтааст, балки нуқтаи назари мухталифи муҳаққиқони дигарро низ муқоиса карда, ҷойгоҳи илмии худро дар ин бахш муайян намудааст;

- **асосноккунии назариявӣ.** Ҳар як гузориши нави дар диссертатсия дарҷшуда ба дастовардҳои қаблии илм такя карда, онҳо инкишоф дода шудааанд;

- **истифодаи методологияи мувофиқ ва муосир.** Асосноккунии хулосаҳо бевосита ба дурустии интихоби усули эмпирикӣ (мушоҳида, санҷиш, таҷриба) барои ҷамъоварии маълумоти аввалия, усули назариявӣ (таҳлил ва синтез, муқоиса) барои коркарди маълумот ва ба даст овардани хулосаҳои назариявӣ ва инчунин, усули риёзӣ ва оморӣ, барои санҷиши эътимоднокии маълумот ва муайян кардани қонуниятҳо амалӣ карда шудааст.

- т**атбиқи амалӣ.** Натиҷаҳои ба дастовардаи унвонҷӯ дар раванди таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои меъморӣ-сохтмонии ДТТ ба номи

академик М.С. Осимӣ, инчунин, дар раванди истеҳсолии КВД ПИТЛ «Сохтмон ва меъморӣ» ва дар омодасозии қисмати “Муҳити физикӣ”-и Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Лоиҳаи “Муҳити таълимӣ - асоси таҳсилоти босифат”) амалӣ карда шуда, онҳо бо санадҳои татбиқ (маълумотнома оид ба воридкунӣ) тасдиқ гардидаанд.

Дараҷаи асосноккунӣ бо роҳи риояи қатъии қоидаҳои мантиқ, истифодаи усули муосири илмӣ ва тасдиқи натиҷаҳо тавассути таҷриба ё таҳлили амиқи амалӣ таъмин карда шудаанд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии диссертатсия аз натиҷаҳои ба дастомадаи зерин иборат мебошад:

1. Муайянсозии асосҳои ташаккули муҳити меъмориву фазогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Таҳлили омилҳои иқлимӣ ва сертификаткунонии энергиясамаранокии биноҳои МТМУ дар шароити иқлимии ҶТ.

3. Таҳқиқи гармимуҳофизӣ ва энергисамаранокии конструксияҳои иҳотавии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир.

4. Таҳияи тавсияҳои ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ ва конструктивӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои МТМУ.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомадаро метавон бо нуктаҳои зерин муаррифӣ намуд:

1. Принсипҳои лоиҳакашии гарминигаҳдории конструксияҳои иҳотавии (КИ) биноҳои МТМУ, синфбандӣ ва сертификаткунонии энергиясамаранокии онҳо бо истифодаи масолеҳи муосири гарминигоҳдорӣ пешниҳод гардидааст.

2. Натиҷаҳои ададии ҳисобҳои динамикии биноҳо, ки бо истифода аз усули унсурҳои ниҳоӣ дақиқии баландро дар амсиласозии конструксияҳо нишон медиҳанд, пешниҳод гардидаанд.

3. Асосноккунии ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ ва конструктивӣ ҷиҳати баланд бардоштани энергиясамаранокии биноҳои МТМУ дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ таҳия гардида, дурустии тарҳбандии унсурҳои конструктивӣ барои коҳиш додани истеъмоли энергия ва беҳтар кардани шароити микроиқлими дохили биноҳо нишон дода шудааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот аз мураттабсозии принсипҳои илман, асосноки энергиясамаранокии биноҳои МТМУ иборат буда, моҳияти амалии кор аз истифодаи натиҷаҳои илмии бадастомада дар таълифи дастуру тавсияҳо барои лоиҳакашии воқеъии мутахассисони соҳаи шаҳрсозӣ, иҷрои кору лоиҳаҳои таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои меъморӣ ва сохтмонӣ иборат мебошад. Аҳаммияти иқтисодии кор дар асоси таҳлилу ҳисобҳои

амалинамудани унвонҷӯ муайян карда шудааст, ки истифодаи натиҷаҳои бадастомада сарфи солонаи энергияро аз 31 911 сомонӣ то 18 036 сомонӣ, яъне 43,4 фоиз ё 13 874 сомонӣ дар давраи гармкунӣ коҳиш медиҳад.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ бошад, беҳсозии шарту шароити раванди таҳсилот дар биноҳои муассисаҳои таҳсилотӣ васоити баланд бардоштани самаранокии энергетикии он, яке аз рукнҳои муҳими самти мазкур ба ҳисоб меравад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дар рисолаи илмии мазкур барои тасдиқи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда як зумра методу тарзҳои иҷрои таҳқиқот назариявӣ ва амалӣ истифода гардида, таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои мавҷуда ва истифодашудаи муаллифони дигари соҳаи номбурда иҷро гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои асосии таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ аз ҷониби довталаб дар асоси дастовардҳои маъруфи илмҳои бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи лоиҳакашии биноҳои гуногунтаъйинотаи энергиясамаранок бо назардошти омилҳои махсуси иқлимиву табиии ҶТ мураттаб гардидаанд.

Таҳлили асоснокии рисолаи Сафарзода Д.Ғ. собит месозанд, ки дар диссертатсия муносибатҳои муосир оид ба лоиҳакашии биноҳои энергиясамараноки МТУ мавриди таҳлил қарор дода шуда, як қатор омилҳои калидӣ, ки ба хусусиятҳои гарминигаҳдории конструксияҳои иҳотавии беруна фаъолнокии энергетикии муҳити меъмориву фазогӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд. Ҳамзамон, роҳҳои амалии афзоиш додани энергиясамаранокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардида, тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аҳамияти амалӣ доранд ва истифодаи онҳо дар сатҳҳои гуногун, аз лоиҳакашии меъморӣ оғоз намуда, то қабули қарорҳои идоравию маъмурӣ дар самти сохтмону таҳсилот имконпазир мебошад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Аз ҷониби муаллиф шахсан, ҳадафу вазифаҳо ва равияи асосии таҳқиқот муайян карда шудаанд. Довталаб дар гузаронидани таҳқиқоти назариявию амалӣ, таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёриву техникии сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергия бо назардошти хусусиятҳои иқлимӣ, интихоб ва пешниҳоди ҳалли ҳаҷмию тарҳӣ ва конструктивии биноҳои таҳқиқшуда, инчунин аз омодасозии тавсияҳо барои лоиҳакашӣ ва интишори расмии натиҷаҳои асосии бадастоварда бевосита саҳмгузор мебошад.

Саҳми шахсии довталаб аз корҳои таҳлилӣ, ҳисобҳои ададӣ ва таҳияи тавсияҳо дар асоси маълумоти муосири илмӣ иборат аст. Нуктаҳо дар шакли

катъии илмӣ, ки ба далелҳо ва натиҷаҳои мушаххаси тадқиқот асос ёфтаанд, таҳия шудаанд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ 7 мақола дар нашриёҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Аз ҷумла:

1. Сафарзода Д.Ғ. Асосҳои илмии лоиҳакашии гармимуҳофизӣ ва самаранокии энергетикии биноҳо [Матн] / Д.Ғ. Сафарзода // Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 2 (70) 2025 – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2025. С-159-166.
2. Сафарзода Д.Ғ. Интихоби ҳалҳои меъморӣ, тарҳиву ҳаҷмӣ ва конструктивӣ, ки гармимуҳофизии мусоиди биноҳоро таъмин менамоянд [Матн]/ Д.Ғ. Сафарзода, Н.Н.Ҳасанов, К.Р. Рабиев // Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 1 (69) 2025 – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2025. С-150-157.
3. Сафарзода Д.Ғ. Нақши таҳсилоти фарогир дар ҷомеъаи муосир [Матн] / Сафарзода Д.Ғ., Муминов А.Р., Рабиев К.Р., Шерматов М.У. // Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 1 (69) 2025 – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2025. С-138-143.
4. Сафарзода Д.Ғ. Мафҳумҳои асосии таҳсилоти фарогир [Матн] / Муминов А.Р., Ҳасанзода Н.Н., Сафарзода Д.Ғ., // Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 2 (70) 2025 – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2025. С-178-182.
5. Сафарзода Д.Ғ. Муносибгардонии нишондодҳои физикии конструксияҳои таворавӣ дар шароити иқлими гарм [Матн] / Амирзода О.Ҳ., Ғанизода Ҷ.Ш., Ҳасанов Ф.Н., Сафарзода Д.Ғ// Маҷалаи илмии «Захираҳои обӣ, энергетика ва эколо-гия»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика и экологияи АМИТ - ш. Душанбе, 2024/№ 4 (1). С. 190-194.
6. Сафарзода Д.Ғ. Лоиҳакашии биноҳои энергиясамаранок бо деворҳо аз масолеҳҳои табиӣ [Матн] / Хуҷаев П.С., Саидзода Ҷ.Ҳ., Ғанизода Ҷ.Ш. Сафарзода Д.Ғ// Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 1 (65) 2024 – Душанбе: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2024. С-219-226.
7. Сафарзода Д.Ғ. Омилҳои таъинотии ташкили муҳити дохилаи муассисаҳои махсуси тавонбахшӣ [Матн] / Саидзода Ҷ.Ҳ., Ғанизода Ҷ.Ш. Сафарзода Д.Ғ// Маҷалаи илмии Паёми политехникӣ (бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) – ISSN 2520-2227, 1 (65) 2024 – Душанбе: Донишгоҳи техникии

Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, 2024. С-226-229.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи Сафарзода Д.Ғ. ҳалли пурраи вазифаҳои дар муқаддима гузошташударо инъикос намуда, мавзуи тадқиқот пурра кушода шудааст ва натиҷаҳои бадастомада (хулосаҳо) ба мақсади асосии тадқиқот ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳама қисматҳои диссертатсия (муқаддима, бобҳо, хулоса) ба ҳам алоқаманди мантиқӣ дошта, ҳар як боб ва параграф ба рушди фикри асосӣ ва исботи нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хидмат мекунад.

Дараҷаи ба итмом расидани диссертатсия чунин муайян карда мешавад, ки довталаб дар сатҳи зарурӣ натиҷаҳои нави илмиро ба даст оварда, онҳоро барои истифода дар амалия тавсия додааст. Диссертатсия пурра иҷро шуда, дар он хулосаҳо аз ҷониби довталаб пешниҳод шудаанд, ки дар асоси таҳлил, таҷриба ё ҳисобҳо асоснок гардидаанд.

Дар шароити муосир, яке аз нишондиҳандаҳои ба итмом расидани диссертатсия гузаштани бомуваффақияти санҷиши асолат (Антиплагиат) ба ҳисоб рафта, дар диссертатсия мазкур ҳиссаи иқтибосҳои қонунии саҳеҳ аз 15% зиёд нест ва мавҷудияти иқтибосҳои ғайриқонунӣ дида намешавад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулосаи асосӣ, адабиёти иборат аз 133 номгӯй ва замимаҳо иборат буда, 215 саҳифа, аз ҷумла 147 саҳифаи матни асосиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи кор асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мундариҷаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя баровардашуда, дараҷаи боэътимодии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба паспорти илмӣ, ҳиссаи шахсии довталаб дар таҳқиқот нишон дода мешаванд.

**Дар боби якум** асосҳои ташаккули муҳити меъмориву фазогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба муассисаҳои таҳсилоти миёна, намудҳо ва сохтори ташкилии онҳо, хусусиятҳои таъйинот ва раванди таҳсилот, марҳилаҳои таъйиноти фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёна, ки шумораи ҳуҷраҳои онро муайян мекунанд, омӯзиши масъалаҳои марбут ба ошёнанокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна, шароити физикӣ ва санитарӣ дар биноҳо, инчунин талаботи асосӣ оид ба таъмини тобоварии сисмикии биноҳои МТУ баррасӣ мешаванд.

**Боби дуюм** ба таҳлили омилҳои иқлимӣ ва энергиясамаранокии биноҳои МТУ бахшида шуда, дар он хусусиятҳои иқлимӣ ва таъсири онҳо ба энергиясамаранокӣ, ташаккули микроиқлими биноҳои МТУ дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши нишондиҳандаҳои энергиясамаранокӣ ва системаҳои сертификатсияи энергетикӣ дар кишварҳои хориҷӣ, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии нишондиҳандаҳо ва

таснифоти энергиясамаранокии биноҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқоти назариявии талафоти гармӣ тавассути конструксияҳои иҳотакунандаи биноҳои МТУ, таҳқиқоти саҳроии энергиясамарабахшии конструксияҳои иҳотакунанда, инчунин масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани энергиясамаранокии биноҳо аз ҳисоби конструксияҳои иҳотакунандаи амудӣ ва уфуқӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Боби сеюми** диссертатсия ба масъалаҳои марбут ба моделсозии ададии тобоварии сейсмикии биноҳо бо истифода аз усули унсурҳои ниҳоӣ (УУН/МКЭ), ки яке аз воситаҳои муҳим дар соҳаи сохтмон ва муҳандисӣ ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф ҳисоби бинои намунавии дуошёнаи синҷиро бо деворҳои хиштии худбардор бо истифода аз УУН иҷро кардааст. Интихоби автоматикунонидашудаи арматура дар асоси натиҷаҳои ҳисобҳо бо истифода аз LIRA-SAPR имкон дод, ки хароҷоти моддӣ самаранок кам карда шаванд. Таҳлили ададӣ нишон додааст, ки мустаҳкамкунии умумии конструксияи бино ҳамавақт талаб карда нашуда, мустаҳкамкунии маҳаллии минтақаҳои консентратсияи шадиди қувваҳо (масалан, кунҷҳои сӯрохиҳои дар ва тиреза ё ҷойҳои пайвастшавии болопӯшҳои беболор бо сутунҳо) муҳим аст.

**Боби чаҳоруми** диссертатсия «Тавсияҳои ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ ва конструктивӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои МТМУ» номгузорӣ шуда, дар он таҳқиқи масъалаҳои марбут ба коркарди тавсияҳои ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ барои баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои МТМУ, оид ба баланд бардоштани энергиясамарабахшии конструксияҳои амудӣ ва уфуқии биноҳо, усули таҳлилии муайян кардани истеъмоли нисбии энергияи биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва самаранокии иқтисодии биноҳои онҳо аз нуқтаи назари истеъмоли энергия барои гармидиҳӣ дар фасли сарморо ифода мекунад.

**Хулосаҳои диссертатсия** 6 банди асосиро дар бар гирифтаанд. Аз ҷумла:

- ташаккули муҳити меъмориву фазогии муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, бояд бо назардошти ниёзу эҳтиёҷоти психологиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонимоии хонандагону омӯзгорон амалӣ карда шуда, дар он шароити мусоиди таҳсилот ва инкишофи таъмин бошанд;

- истифодаи омилҳои иқлимиву табиӣ, аз ҷумла, равшании табиӣ ва ҳавотозакунӣ имкон медиҳанд, ки сарфияти энергияро коҳиш дода, ҳамзамон бароҳатии муҳити дохилаи биноҳои МТМУ-ро баланд бардоранд;

- масолеҳ ва конструксияҳои гарминигаҳдории муосир сабаби ба таври назаррас афзоиш додани энергиясамаранокии конструксияҳои иҳотавии биноҳои МТМУ, инчунин коҳиш ёфтани талафоти гармӣ ва паст рафтани хароҷот барои гармкунии онҳоро метавонанд таъмин намоянд;

- мусоидгардонии ҳалҳои ҳаҷмиву тарҳӣ бо назардошти рӯйоварии биноҳо нисбат ба тарафҳои уфуқ ва ҷойгиршавии тирезаҳо, истифодаи зарурии равшании табииро таъмин намуда, сарфияти энергияро паст менамоянд;

- амсиласозии ададӣ бо истифода аз методи унсурҳои охирнок (маҷмуи ҳисоббарории "ПК Лира ФЭМ 2025 R3.2") дар лоиҳакашии муосири биноҳои зилзилатобовар ва конструксияҳои онҳо ба муҳандисону мутахассисон самти мазкур имкон медиҳад, ки аз ҳисобҳои маъмули анъанавӣ ба таҳлили аниқу дақиқи рафтори кории конструксияҳо гузаранд;

- таҳлилу ҳисобҳо собит месозанд, ки истифодаи КИ бо қабати гарминигаҳдор масрафи солонаи энергияро аз 31 911 сомонӣ то 18 036 сомонӣ, яъне 43,4 фоиз ё 13 874 сомонӣ дар давраи гармкунӣ коҳиш медиҳад. Дар масоҳати гармишавандаи 705 м² нишондиҳандаи мушаххаси $q^{des}$ аз 4,587 то 2,59 кВт·соат/(м²·°С·ш/р), яъне қариб 1,77 маротиба паст мешавад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Сафарзода Дилшод Ғанӣ ба дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мутобиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараыаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб - Сафарзода Д.Ғ. ба дараҷаи илмии дархостшаванда - номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) мувофиқат мекнад.

Таҳққиқи диссертатсия аз ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (26.06.2023 № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самранок арзёбӣ мегарданд. Дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон қайд намуд:

1. Дар қисми амалии таҳқиқ интихоби масолеҳи гарминигаҳдор ба қадри кофӣ асоснок карда нашудааст. Ба фикри мо, он бояд бо назардошти имконияти истифодаи ашёи сохтмонии маҳаллӣ аз Тоҷикистон, инчунин

устуворӣ ва шароити намӣ дар конструксияҳои иҳотадеворӣ баррасӣ карда мешуд.

2. Боби сеюми диссертатсия ба масъалаҳои зилзилаустувории биноҳои МТМУ бахшида шудааст. Азбаски муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар шароити зилзиланокии баланд (8-9 хол) сохта мешаванд, дар рисола пурра шарҳ дода нашудааст, ки чӣ гуна роҳҳои ҳалли конструктивии каммасрафи энергия (масалан, системаҳои гарминигаҳдории беруна ё "намоҳои овезон") ба бехатарии зилзилавӣ ва эътимоднокии сохторҳои борбардор таъсир мерасонанд.

3. Дар таҳқиқот сохтори тарҳбандии фазоии мушаххаси биноҳои МТМУ (мавҷудияти ҳуҷраҳои калонравоқа ба монанди толорҳои варзишӣ ва маҷлисгоҳҳо, инчунин масоҳатҳои калони шишабандии синфхонаҳо) ба пуррагӣ ба назар гирифта нашудааст, ки барои гарминигоҳдории минтақаҳои алоҳидаи онҳо муносибати инфиродӣ талаб карда мешавад.

4. Ҳисобкунии муҳлати бозпардохти чораҳо ва масолеҳҳои пешниҳодшудаи каммасрафи энергия бидуни ба назар гирифтани динамикаи хароҷоти маҳаллии энергия ва хусусиятҳои хароҷоти истифодабарӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

5. Дар таҳқиқот аҳамияти хосса ба гарминигаҳдории конструксияҳои иҳотавии бино дода шуда, мутаасифона масъалаи нигоҳ доштани мубодилаи меъёрии ҳавотозашавӣ ва шароити ҳарорату намӣ дар синфхонаҳо, инчунин таъмини ҳавоногузарии зарурии конструксияҳои иҳотавӣ ба қадри кофӣ фаро гирифта нашудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Дилшод Ғанӣ дар мавзуи "Энергиясамаранокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир (дар мисоли Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ,

биноҳо ва иншоот) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои техникӣ, корманди калони илмии шуъбаи илм ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникии Давлатов Далер Нарзуллоевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи шурои техникии КВД "Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ"-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 3 аз 11 сентябри соли 2026).

Дар ҷаласаи шурои техникӣ иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Сармуҳандиси КВД "ПИТ СваМ" __________ Мустафозода С.Ҳ.

**Эксперт:**
Корманди калони илмии шуъбаи илм
ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ,
номзади илмҳои техникӣ __________ Давлатов Д.Н.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Мудири шуъбаи илм
ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ __________ Саидов М.Э.

Имзои Мустафозода С.Ҳ., Давлатов Д.Н. ва
Саидов М.Э.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
КВД "ПИТ С ва М" __________ Холова С.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 36 А
Телефон: +992 (37) 2 27-77-60, 2 27-77-61,
Email: niisa.tj@mail.ru
https://www.facebook.com/niisa.tj/

"11" сентябри соли 2026.